# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2022.**

Диссертатсияи мазкур ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили маводи ҳуҷҷатии хазинаи Бойгонии минтақавии Ҳисор бахшида шудааст. Тибқи маълумоти таърихӣ соли 1938 дар Ҳисор бойгонии давлатии ноҳиявӣ таъсис ёфт. 5 апрели соли 1963 филиали Бойгонии марказӣ дар шаҳраки Ҳисор таъсис ёфта, минбаъд азнавсозии шабакаи бойгониҳо оғоз меёбад.

Мубрамияти таҳқиқотро асосан он ташкил медиҳад, ки хазинаҳои Бойгонии минтақавии Ҳисор қисми таркибии хазинаи миллии бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи таърих ва такомули Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикстон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии марказии чумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор - ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Объекти таҳқиқот ҳуҷҷатҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ва предмети таҳқиқотро раванди таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонии мазкур ҳамчун сарчашмаи омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд.

Саҳми шахсии диссертант дар он зоҳир мегардад, ки довталаб ба

доираи таҳқиқотҳои илмӣ ҳуҷҷатҳои пурарзиши бойгониро роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии як қатор ноҳияҳои водии Ҳисор ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба диссертсияҳои номзадӣ иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ, 4 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 кори илмию таълимиро дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» комилан ҷавобгӯ буда, ба муаллифи он – Обидов Рустам Ҳошимович– сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дода шавад.

**Дотсенти кафедраи методикаи**
**таълими таърих ва ҳуқуқи**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**Мусоев Алишер Қорабоевич**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 918806462

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«__03__»____01______ **2023 с.**